ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 410/ш ш. Душанбе

Дар бораи додани унвони илмии профессор

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9, сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 3, 6, 49, 59, 64 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Хатамов Муртазокул Темурович ба унвони илмии профессор аз рӯйи самти илмҳои «Агрономия» сазовор дониста шавад.
2. Ба Хатамов Муртазокул Темурович шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода шавад.
3. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмиро барасмият дарорад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Саврӣ Исматуллоҳзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХАБАРДОШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода